*«Коммунизм учун»,*
*No 69 (1684), 4 июни 1957*

# Муаллимаи хизматнишондода

Рафиқ П. Кондрашеваро аз талабагони синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи ба номи Молотов сар карда ҳамаи муаллимони район ва то ҳатто одамони бомаъруфи республика нағз мешиносанд ва ҳурмат мекунанд.

Муаллима Пелагея Максимовна хело хоксор ва меҳнатдӯст мебошад. Дар фаъолияти меҳнати педагогии худ даҳҳо наслҳои навраси меҳнаткашонро тарбия намуда соҳиби илму маърифат кардааст.

Даҳҳо шогирдони муаллима соҳиби маълумотҳои олӣ гардида, аз ин ҳам зиёдтари қисми онҳо дар донишкадаҳои Ватани бепоёнамон таҳсил мекунанд.

Пелагея Максимовна чандин сол боз дар ҳамин мактаб кор мекунад. Ӯ ба хурдсолон ҳамчун модар меҳрубонона ғамхорӣ намуда, насли наврасро дар рӯҳи коммунистӣ, шавқу муҳаббат ба халқи кабирамон, ба Ватан, ба меҳнат тарбия намуда, илму дониш меомӯзонад. Бинобар ҳамин ҳам, ӯ сазовори ҳурмати меҳнаткашон гардидааст.

Даҳҳо падару модарон ба Кондрашева барои тарбияи меҳрубононаи фарзандони онҳо раҳмат мегӯянд. Пелагея Максимовна аз ин фахр мекунад.

Ба наздикӣ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон меҳнатҳои шоистаи рафиқ Кондрашеваро дар назар дошта, ӯро бо унвони фахрӣ - “муаллими хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон” сарфароз намуд. Ғайр аз ин, Пелагея Максимовна бо якчанд орден ва медалҳои СССР мукофотонида шудааст.

- Ин ғамхории партия ва ҳукуматро, - мегӯяд рафиқ Кондрашева, - чигуна изҳор карданамро намедонам ва мақсади худро фақат бо ҳамин суханҳо ифода мекунам, ки бо қувваи дучанд ба халқ хизмат мекунам.

**Р. Мусулмонқулов,**
**Муаллими мактаби миёнаи**
**ба номи Молотов.**